# Tajik State University of Commerce

## Course name: Introduction to Political Science

## Week 5: Concepts and Theories of Political Power

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 5: Мафҳум ва назарияҳои ҳокимияти сиёсӣ**

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Пайдоиш ва инкишофи ҳокимияти сиёсӣ.
2. Андешаҳои мутафаккирон оиди ҳокимияти сиёсӣ.
3. Ҳудудҳо, захира ва принсипҳои асосии ҳокимияти сиёсӣ.
4. Нақши ҳокимияти сиёсӣ дар пешрафти ҷомеа.

# 1. Пайдоиш ва инкишофи ҳокимияти сиёсӣ

Доир ба ҳокимияти сиёсӣ ва паҳлӯҳои гуногуни вай сиёсатшиносон андешаҳои ҷолиб баён намуда, як гурӯҳ захираҳои ҳокимият, қисми дигар шаклҳои ҳокимият, бархе вазифаҳои ҳокимияту сохтори онро мавриди муҳокима қарор доданд. Масъалаи хеле муҳиме, ки мавриди баҳси сиёсатшиносист ин зарурияти ҳокимият аст.

Ҷараёни инкишофи дуру дарози ҷамъияти обшинаи ибтидоӣ дар зинаи сеюми тараққиёташ дар дохили қабила бою камбағалро ба вуҷуд овард.

Бояд гуфт, ки ҳокимият ва пайдоиши он аз замонҳои қадим сарчашма мегирад. Ҳанӯз дар ҷомеаи ибтидоӣ аллакай ҳокимияти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада буд, ки он тамоми паҳлуҳои ҳаёти одамонро ба воситаи урфу одат ва анаъанаҳо ба танзим медаровард. Каме дертар, аниқтараш баъди ба вуқӯъ омадани тақсими меҳнат ва пайдоиши моликияти хусусӣ, ҳокимияти ҷамъиятӣ ба тағйиротҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, ба ҳокимияти сиёсӣ табдил меёбад. Баъди ташаккули дастгоҳи махсуси идоранамоӣ ҳокимият дар қонунҳо таҷассум ёфта, ба ҳокимияти давлатӣ табдил меёбад.

Аз ҳамон вақте ки гурӯҳҳои ҷамъиятӣ пайдо гаштанду ҳар кадом баҳри ҳифзи манфиатҳояшон мекӯшанд, зарурияти дар ҳадди муайяни эътимол нигоҳ доштани ҷомеа ба ҷои аввал баромад. Яъне ташкилоти сиёсие зарур шуда монд, ки натанҳо зиддиятҳои ҷамъиятиро бояд дар доираи муайян нигоҳ медошт, балки барои дар баробари ташкили истеҳсолоти ҷамъиятию тақсиму мубодила, инчунин ба идораи ягона тобеъ намудани кулли аъзои ҷамъиятро таъмин менамуд.

Доир ба пайдоиши ҳокимияти сиёсӣ назарияҳо гуногунанд. Дар таълимоти марксистӣ ҳокимияти сиёсӣ дар низоми муносибатҳои байнигурӯҳӣ ҳамчун натиҷаи ҳукмронии як синф аз болои синфи дигар дониста мешуд. Баътар дар миёнаи асри XX назарияи таркибӣ-вазифагӣ аз ҷониби Парсонс пешниҳод шуд,ки тибқи он ҳокимият ҳамчун муносибати байни субъектҳое, ки ба ҳар кадомаш нақши муайяни ба онҳо вобастакардашуда, алалхусус идоракунандаҳою идорашавандаҳо маънидод карда мешуд.

Як қатор олимон ҳокимият ва сиёсатро як шуморида, баъзан онҳоро ба ҳам монанд менамоянд. Гурӯҳи дигари олимон дар байни сиёсат ва ҳокимият алоқаҳои ногусастаниеро нишон медиҳанд. Воқеан, ҳокимият сарчашмаи марказии сиёсат буда, воситаи дар амал татбиқ намудани он ба шумор меравад. Мубориза барои ба даст овардан, нигоҳ доштан ва самаранок истифода намудани ҳокимият бечунучаро масъалаи сиёсӣ мебошад. Одатан, ҳокимият барои неруҳои иҷтимоие, ки кӯшиши дар амал татбиқ намудани мақсадҳои худро доранд, ҳадафи ягона нест.

## 2. Андешаҳои мутафаккирон оиди ҳокимияти сиёсӣ:

1. Гуногунии субъектҳо, навъҳои алоқа ва манфиатҳо дар ҷомеаи инсонӣ ва баҳамвобастагии байниҳамдигарӣ;
2. Бохирадию рафтори мақсадноки одамон ва ҷамъиятҳои онҳо;
3. Зарурияти идоракунии ҳокимият, ки қонунҳои хоси иҷтимоӣ онҳоро тақозо менамояд.

Ҳамин тавр ба қавли Макс Вебер ҳокимият ин эҳтимолияти он аст, ки як актор дар дораи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳолате меафтад, ки бар хилофи муқобилиятҳо иродаашро амалӣ месозад. Гиденс Э. бошад ҳокимиятро қобилияти мудохила намудан ба силсилаи ҳодисаҳо ба ҳотири як навъ тағйир додани онҳо номидааст. Ба ақидаи Ронг Д. зери мафҳуми ҳокимият имконияти таъсиррасонии фардҳо, гурӯҳҳо бо мақсад ва нияти таъсиррасонӣ ба дигар фардҳо аст.

Ба ақидаи Томас Гоббс (1588-1679) ҳокимият воситаест, ки бо ёрии он дар оянда неъматҳо ба даст оварда мешаванд ва аз ин рӯ, мубориза барои ҳокимият нишонаи асосии ҳаёт буда, то дами марг идома меёбад. Ба андешаи Макс Вебер (1864-1920), ҳокимият амалӣ намудани иродаи худ аз болои иродаи дигарон мебошад, ки дар амал татбиқ намудани он новобаста аз майлу хоҳиши дигарон сурат мегирад. Энтони Гидденс (1938) ҳокимиятро воситае медонад, ки бо ёрии он тартиби ҷойгиршавии ашёҳо тағйир дода мешавад. Яъне, касе, ки ҳокимиятро соҳиб аст, ӯ барои тағйир додани тартибот низ қодир аст.

Толкотт Парсонс (1902-1979) ҳокимиятро низоми манбаъҳое медонад, ки бо ёрии он мақсадҳои умумӣ амалӣ карда мешаванд. Раймон Арон (1905-1983) ҳокимиятро тавоноие мешуморад, ки ба як шахс ва ё як гурӯҳи одамон тааллуқ дошта, дар асоси он дар миёни одамон ва гурӯҳҳо муносибатҳои мухталиф ба роҳ монда мешаванд. Бертран Рассел (1872-1970) ҳокимиятро воситаи ба даст овардани натиҷаҳои мақсаднок мешуморад. Ба ақидаи ӯ, агар гурӯҳи «А» нисбат ба гурӯҳи «Б» ҳокимияти бештар дошта бошад, пас гурӯҳи «А» нисбат ба гурӯҳи «Б» натиҷаҳои мақсадноки бештарро соҳиб мегардад.

Сиёсатшиноси полшагӣ Ёжи Вятр (1931) шаш навъи тафсири ҳокимиятро нишон додааст:

а. Фаҳмиши бихевиористӣ (ҳокимият навъи махсуси рафторе мебошад, ки барои тағйир додани рафтори дигарон нигаронида шудааст);

б. Фаҳмиши телеологӣ (ҳокимият тамоюли расидан ба ҳадафҳо мебошад);

в. Фаҳмиши инструменталӣ (ҳокимият имкони мавриди истифода қарор дода тавонистани воситаҳо мебошад);

г. Фаҳмиши структуралистӣ (ҳокимият навъи махсуси муносибатест, ки дар миёни идоракунандагон ва идорашавандагон зоҳир мегардад);

д. Фаҳмиши низоӣ (ҳокимият имконияти қабули қарорест, ки ба воситаи он вазъияти низоӣ ба эътидол оварда шуда, тақсими неъматҳо ба роҳ монда мешавад);

е. Фаҳмиши каузалӣ- (аз лотинӣ *causa* — сабаб) маънои «сababӣ» ё «муртабит ба сабаб ва натиҷа» (ҳокимият таъсиррасоние мебошад, ки дар натиҷаи он амру супоришҳо аз ҷониби дигарон иҷро карда мешаванд).

Як гурӯҳ олимон хусусиятҳои муҳимми ҳокимиятро ба таври мушаххас нишон додаанд. Мувофиқи таълимоти онҳо, ҳокимият падидаи ҳамаро фарогиранда буда, мавҷудияти он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба назар мерасад. Ҳокимият фазои муайянеро фаро мегирад. Дар оила, раванди назорати инсон аз болои худ, дар коллективи меҳнатӣ, дар гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ ва монанди инҳо фазои маҳдуди ҳокимиятро ташкил медиҳанд. Шаклҳои гуногуни ҳокимият ба вуҷуд омада, ташаккул меёбанд. Чунончи, ҳокимияти сиёсӣ ва иқтисодӣ; динӣ ва дунявӣ; қонунгузор, иҷроия ва судӣ; ҳокимияти марказӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ; ҳокимияти давлатӣ, ҳизбӣ, оилавӣ; ҳокимияти дастгоҳ, маъмурият, раёсат, садорат; ҳокимияти сарварон, волидайн

Дар ҳаёти ҷамъиятӣ мо ба ду навъи ҳокимият сару кор дорем.

а.

Ҳокимияти падар ба фарзандон, ҳокимияти кордеҳ ба корфармо, ҳокимияти роҳбарияти ҳизб ба аъзояш;

б.

Ҳокимияти ошкори давлатӣ, ки аз ҳокимияти иқтисодӣ, идеологӣ, маданӣ- маишӣ, оилавӣ ибрат аст. Ҳар ду ҳокимият ҳам дар ҳаёти сиёсӣ нақши муайян доранд. Ҳокимият бешубҳа-ин принсипи ҳоким ва маҳкум буда, табиати тобеият хеле мураккаб аст. Табиати мураккаби онро тавассути сифатҳои хусусии объекти ҳокимият – анъанаи барқарор гаштаи муносибати ҳокимият ва ифодаи манфиатҳои назорати сиёсӣ (таърихи сиёсӣ) шакли фаъоли ҳукмронии шахс дар ҷомеа (рафтори сиёсӣ) ва дарки нақши муносибатҳои ҳокимият (шуури сиёсӣ) ошкор месозад.

Муносибати ҳокимият бошад аз ҷузъҳои субъект ва объекти ҳокимият, захираҳои ҳокимият ва раванди ҳукуматӣ иборат аст. Чигунагии ҳокимиятро бошад:

1. Дараҷаи субъектҳои ҳокимият (давлат, зубдагони сиёсӣ, пешвоён);

2. Ташкилоти сиёсӣ ва гурӯҳҳо;

3. Фардҳо ҳамчун барандаи аввалини муносибатҳои ҳокимият муайян мекунад.

Ҳар кадом ҳокимияти сиёсӣ дорои принсипҳое мебошад, ки тибқи онҳо устувор аст. Ин принсипҳо чунинанд: қонунӣ, амалӣ, воқеият, эҳтиёткорӣ, коллегиалӣ (бомаслиҳатӣ) тобоварӣ, худидоракунӣ, устуворӣ, махфӣ ва ғайра.

Ҳокимият дорои ҷанбаҳои иҷтимоӣ, психологӣ-равонӣ, илмӣ, ташкилӣ ва сиёсӣ аст. Ҷанбаи иҷтимоӣ муносибати зӯрӣ аст. Ба ақидаи Кнудсен «ҷомеа на барои он дар идоракунӣ иштирок менамояд, ки ҳокимият ба даст орад, балки барои он дар идоракунӣ ширкат менамояд», ки барои ин худро ба таври кофӣ «пурқувват» медонад.

Дар рафти инкишофи ҷамъият урфу одат ва анъанаҳои каму беш муносибати байни фардҳо, оилаҳо, қавму қабилаҳоро муайянкунанда, то рафт хусусияти ҷиддитар пайдо намуда, иҷрои онҳо барои аксари омма ҳатмӣ мегардад. Шароите пайдо мешавад, ки шахси алоҳида ва ё гурӯҳи ашхоси баргузида, қобил, қавиирода, чолоку ҷасур, баъзан бо ақлу хирад низоми муқарраргаштаро ба дасти хеш гирифта, ба ҳокимон табдил меёбанд. Ташкилоти ба вуҷуд овардаи онҳо торафт доираи фаъолияташро зиёд намуда, одамонро дар доираи муайяни муносибатҳо нигоҳ доштанӣ мешавад.

Ҷомеа одамонеро ба арсаи фаъолият мебарорад, ки онҳо дорои қобилияти ташкил ва роҳбарии мардумро дошта бошанд.

Бесабаб дар сиёсатшиносӣ чунин мафҳумҳо «ҳокимият - ин қобилият», «ҳокимият - ин хоҳиш», «ҳокимият - ин ҳуқуқ», «ҳокимият - ин ирода» истифода намешаванд. Чӣ тавре ки И. А. Блохин қайд намудааст, «ҳокимият ин имконияти воқеии дар муносибати байни фардҳо, гурӯҳи одамон, миллат ва умуман, ҷамъият амалӣ намудани иродаи худ аст».

Мафҳуми ҳокимияти сиёсӣ бошад имконияти воқеии тавассути воситаҳое, ки давлат дар ихтиёр дорад, зоҳир намудани иродаи худ дар муносибати байни фардҳо, гурӯҳҳои одамон, миллат ва ё, умуман, ҷомеа фаҳмида мешавад.

# 3. Ҳудудҳо, захира ва принсипҳои асосии ҳокимияти сиёсӣ

Ҳудудҳои ҳокимият ба чунин навъҳо ҷудо карда мешавад:

а. Фазогӣ - вай ҳамеша дар ҳудудҳои муайян, сарҳадҳо, ҷамъиятҳо, муносибат ва ақлҳо амал менамояд, ҳокимияти дар ҷои муайян пайваст набуда, вуҷуд надорад;

б. Инсонӣ - ҳокимият ба аъзои ҷамъияти сиёсии муайян, шаҳрвандон, мудохилаи вай ба корҳои беасос ва бесамар паҳн мешавад;

в. Вақтӣ- дар ин ё он шакл, ҳокимият беохир вуҷуд дошта наметавонад, аммо барои худашро зоҳир намудан вақт зарур аст;

г. Ахборотӣ - агар аз воситаи ахборот ҳокимият маҳрум шавад, вай кур гашта, қувваи мардумро сафарбар карда наметавонад, ва агар объекту субъектҳои ҳокимият як зайл ахборот дошта бошанд, ҳокимият салоҳияташро аз даст медиҳад;

д. Арзишӣ - рафтори ҳокимият ҳамаро ҳамеша таввасути арзишҳои муайян ба низом дароварда метавонад.

е. Захиравӣ - бе онҳо ҳокимият талаботи инсониро қонеъ карда наметавонад, ин бошад дар сиёсат ва истифодаи амалии ҳокимият асосист;

Захираҳои ҳокимият - гуногун буда метавонад. Чун анъана чунин захираҳоро ҷудо мекунанд:

а. Захираҳои маҷбуркунӣ (яроқ,ҷазои маҷбурӣ, қувваи ҷисмонӣ), ки барои таҳдиди объекти итоаткунанда аз ҷониби давлат ташкил карда мешавад.

б. Утилитарӣ (пул, хизмат, замин ба мансаби боло гузаронидан) ҳамчун ҷуброн барои ба субъект бечунучаро итоат намудани объект.

в.

Дониш (маълумот, ақл, эксперимент) ба субъект имкон медиҳанд, ки соҳиби эътибор гашта ҳокимияташро бо роҳҳои гуногун амалӣ созад.

г.

Захираҳои нормативӣ (қонунҳо, ҳуқуқ, ваколат, имтиёзи хизматӣ, анъана, мақом) ба фармонҳои субъект ҳокимият медиҳанд; объект ба субъект ба он хотир итоат мекунад, ки ин нормаҳои рафторӣ дар ҷомеа ва ё коллектив қабул шудаанд.

Захираҳои ҳокимият танҳо ҳамон вақт асоси муносибати ҳокимият мегарданд, ки субъекти маданӣ ва дониш кай ва дар кадом ҳолат истифодабарии онҳоро дониста гирад.

Ҳокимият пеш аз ҳама муносибат ё маҷмӯи муносибатҳост. Маҷмӯ ба он хотир, ки ҳаёти ҷамъиятӣ хеле серсоҳаю серпаҳлӯ буда, ҳар кадоми он тарафҳо ё соҳаҳо дар ҳар маврид муносибати ҳархеларо талаб менамоянд, агарчи ҳадафи ҳама гуна муносибатҳо бо кадом роҳ ва восита набошанд ба мақсади ниҳоӣ расидани шахси алоҳида ё гурӯҳи ашхос ва ё ҳизбҳои сиёсӣ мебошад.

Ҳокимияти сиёсӣ дорои чунин функсияҳо мебошад:

а. Мақсади инкишофи ҷомеаро муайян намуда, роҳҳои алтернативии рушди ҷомеаро интихоб менамояд.

б. Баҳамоии ҷомеа, таъмини тартибот ва томиятро таъмин менамояд.

в. Қазияҳои дар ҷомеа ба вуҷудомадаро бартараф менамояд.

г. Барои ҳама ҳатман воситаҳои зарурӣ ваҳама арзишу неъматҳои камёфтро тақсим менамояд.

Ҳар кадом субъекти сиёсие, ки мақсади ба даст даровардани ҳокимиятро дорад, аз се чиз - зӯрӣ, бойгарӣ ва дониш истифода менамоянд. Баъзан барои соҳиби ҳокимият гаштан зӯрӣ кифоя буда, метавонад солҳои мадид онро дар даст нигоҳ дорад.

Сиёсатшиносони муосир роҳҳои пайдоиш ва ба даст овардани ҳокимиятро ҳаматарафа таҳлил намуда, қабл аз ҳама фарқият ва умумияти ду мафҳум - ҳокимият ва ҳокимияти сиёсиро ошкор кардаанд.

Доир ба фаҳмиши ин ду мафҳум андешаҳои гуногун вуҷуд доранд. Бархе аз мутафаккирон бар он ақидаанд, ки ҳокимият дар ин ё он шакл дар тамоми давраи ҳаёти ҷамъияти инсонӣ бо ӯ ҳамсафар аст. Фақат бо мурури замон он ҳамеша дучори тағйироти ҷузъӣ мегардад.

Гурӯҳи дигар ба мисли Афлотун, Арасту, Форобӣ, Гегел мавҷудияти ҳокимиятро ба зарурияти ташкили истеҳсолот вобаста дониста, онро таъкид менамоянд, ки бе таъмини итоати комили аъзои ҷомеа ба қуввае инсонро аз вартаи тобеият ба қувваҳои табиат берун баровардан имкон надошт.

Доир ба масъалаи ҳокимият ва муносибатҳои он ақидаи Макс Вебер хеле ҷолиб аст. Вай қайд намудааст, ки «Ҳокимият ҳар гуна имконияте мебошад, ки дар дохили муносибатҳои иҷтимоии мазкур, новобаста аз муқовимат, новобаста аз оне, ки чунин имконият ба чӣ асос ёфтааст, ба амал бароварда мешавад».

Чунин гуногунақидагӣ нисбат ба ҳокимият пеш аз ҳама ба мавқеи доштаи онҳо дар ҷамъият вобастааст. Соҳаҳои гуногуни илм ҳам ба ин падидаи сиёсӣ аз мавқеи мавзӯи хеш баҳо медиҳанд.

Аз ҷумла, фалсафа ҳокимиятро чунин таъриф медиҳад: «Ҳокимият дар маънои умумӣ, қобилият ва имконияти ба амал баровардани иродаи худ, таъсири муайянкунандагӣ расонидан ба фаъолият, ба рафтори одамон бо ёрии кадоме аз воситаҳо эътибор, ҳуқуқ, зӯрӣ (иқтисодӣ, давлатӣ, оилавӣ) мебошад».

Дар ин таъриф ду чиз асоси муайянкунандаи ҳокимият қайд мешавад:

а. Дар натиҷаи тақсими меҳнат дар дохили оила ҳар кадом аъзо мувофиқи қобилияташон ба коре шуғл пайдо намуда, пайваста онро такмил медиҳад. Ин як навъ махсусгардонии меҳнате буд, ки оқибат ба пайдоиши фаъолияти идоракунӣ ва истеҳсолӣ оварда расонд. Илова бар ин, яке аз ашхоси ба идоракунии кор машғулбуда, ба туфайли ба ҳайси пешво эътироф шуданаш имконият пайдо намуд, ки иродаашро ба мардум бор намуда, баҳри ҳадафҳои доштааш эшонро ба худ тобеъ намояд.

б. Ин тақсимоти меҳнат боиси пайдоиши муносибатҳои махсус гардид, ки онҳоро тавассути қувваю муассисаҳои ба таври махсус ташкилёфта ба амал баровардан имконпазир гардид.

Ҳокимият дорои чанд тараф аст. Мантиқан он аз объекту субъекти ҳокимият, захира ва ҷараёни амалӣ гардонидани ҳокимият сар мезанад.

Дар нақши субъект асосан онҳое баромад менамояд, ки ҳокимияти воқеӣ доранд ва ё нисбат ба дигарон онро зоҳир менамоянд.

Одатан ин ё он шахси алоҳида, гурӯҳе ё синфи муайян ва гурӯҳҳои сиёсии гуногун ақида дар симои давлат буда метавонад.

Объекти ҳокимиятро бошад ҳамаи онҳое ташкил медиҳанд, ки таъсири ҳокимият ба эшон равона карда шудааст.

Ҳокимият дорои чунин сифатҳост:

а. Ирода барои ҳокимият, хоҳиши ҳукмронӣ;

б. Тайёр будан барои ба дӯши хеш гирифтани масъулияти сиёсию иҷтимоӣ;

в. Босалоҳиятӣ дар масъалаҳои муносибатҳои ҳокимият.

Аз ҳама унсурҳои ҳокимият дар шароити ҳозираи ҷомеаи инсонӣ ҳокимияти сиёсӣ – имкони ошкоро истифода бурдани қувва, баровардани қарорҳост, ки ҳама имкониятро дошта, дар вазъияти муайян онҳоро истифода мебарад.

Ҳокимият бошад барои амалӣ гардонидани фаъолият сарчашма ё воситаҳои гуногун дорад. Ин воситаҳо чунинанд: боигарӣ ё имконияти иқтисодӣ; имконият ё воситаҳои зӯрӣ; дониш.

Манбаи дигари ҳокимият захираҳои иқтисодианд. Ба ҳама айён аст, ки агар ҳокимият дар ихтиёраш ба ғайр аз воситаҳои қудратӣ воситаи таъсиррасонии иқтисодӣ низ надошта бошад, дуруст фаъолият карда наметавонад. Магар барои гузаронидани интихобот маблағ зарур нест? Албатта, зарур аст. Имрӯз дар аксари мамлакатҳо дар маъракаи интихоботӣ миллионҳо доллар маблағ сарф мешавад.

Аз ин рӯ, ҳокимияти сиёсӣ захираҳои иқтисодиро ба хотири он истифода мебарад, ки:

а. Ба раванди босуръати иқтисодиёт дар мавриди зарурӣ таъсир расонад;

б. Тағйири сохторҳои иқтисодиро барои истифодаи комёбиҳои илму техника ҳавсманд гардонад, ба манополиякунии соҳаҳои ҳаёти хоҷагӣ роҳ надиҳад;

в. Суръати инфилятсияро паст намуда, бекориро кам кунад.

Дар пойдории ҳокимияти сиёсӣ нақши мақомоти қудратӣ хеле калон аст, ба хусус - артиш, милиса, хадамоти амниятӣ, прократура ва суд, техника, ярок ва ҳабсхонаҳо, ҳар кадом шахсро дар ҳарос нигоҳ медоранд. Инҳо бошанд асосан воситаи баамалбарории ҳокимиятрононанд.

Барои ҳамин ҳам дар аксари давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда ин гурӯҳҳо дар ҳисоби махсуси ҳокимияти сиёсӣ буда, барои дар сатҳи баланд таъмин ва нигоҳ доштани онҳо маблағро дареғ намедоранд.

Шаклҳои ҳокимият дар китоби дарсии «Политология» таҳти таҳрири В. И. Буренко ва В. В. Журавлёва чунин шаклҳои ҳокимият нишон дода шудааст. Аз рӯи субъекти ҳокимият: «ҳокимияти фардӣ» ва «ҳокимияти коллективӣ»; аз рӯи соҳаи захиравӣ: иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳокимият дар оила, дар ташкилоти бюрократӣ; аз рӯи дараҷаи мавҷудияти ҳокимият: дар дараҷаи бузург (байни умумиятҳои калони иҷтимоӣ); дараҷаи нисбатан хурд (муносибати байни шахсҳо ва гурӯҳои начандон калон); аз рӯи оқибатҳои амалисозӣ: вайронкунандагӣ, сермаҳсул, баҳаморандагӣ (интегративӣ)[1].

1.В. И. Буренко и В. В. Журавлёв, Политология. Учебник для вузов. Москва: Экзамен, - 2005,- С.320.

# 4.Нақши ҳокимияти сиёсӣ дар пешрафти ҷомеа.

Ҳар кадом ҳокимият дорои чеҳраи хос буда дар шаклҳои гуногун ҷилва менамояд. Аз ҷумла, айён аст, ки фарз кардем «А» «Б» -ро маҷбур месозад кореро иҷро намояд, ки « Б» онро дар ҳолати дигар иҷро кардан намехост, аммо «А» бо роҳҳои гуногун ба «Б» таъсир расонида метавонад.

Худи ҳамин имкон медиҳад чунин чеҳраҳои ҳокимиятро ошкор созем:

Ҳокимият ин қабули қарор. Ин чеҳраҳои ҳокимият аз рӯи он амали мақсадноке,ки бо ин ё он навъ моҳияти қарори қабулшударо муайян менамояд;

Ҳокимият ҳамчун муайянсози рӯзномаи сиёсист. Ба андешаи Бахрах ва Баратс ин чеҳраи дуюми ҳокимият буда, қобилияти ин ё он ҳокимияти сиёсиро ҳангоми қабул ва ё монеъ шудани қароре иникос менамояд. Инҷо гап дар сари он меравад, ки шахси рӯзномаи сиёсиро роҳбарикунанда дар ибтидо кадом масъалаҳоро ҳал бояд кунад, мавқеи асосӣ дорад.

Дар робита бо ҳамин гуфтан мумкин аст, ки корпоратсияи хусусӣ метавонад ба муқобили қабули қарор бароянд. Чеҳраи якуми ҳокимият ҳама чораҳоро меандешад, ки ҳизбҳо ва сиёсатмадорон ин масъаларо фарз кардем «Қонун оиди ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба муҳокима набароранд, ки ин чеҳраи дуюми ҳокимият аст.

- Ҳокимият ҳамчун нозир (назоратчӣ) аз болои шуур яъне:

- Қобилияти ба дигар одамон, ба андеша, хоҳиш ва талаботи онхо таъсир расонидан чеҳраи сейуми ҳокимият аст. Ин ҳокимият дар назорати психологӣ ё тарзе, ки мегӯянд шустани идеологии манбаъҳо зоҳир мегардад. Ба ҳайси намуна: индустрияи реклама, ки зарурат надоштани қонунро тарғиб менамояд;

Дар ҳаёти сиёсӣ бошад ин шакли ҳокимият дар истифодаи таблиғот ва ё умуман усулҳои таъсиррасонии идеологӣ истифода мешавад.

## Принсипҳои фаъолияти ҳокимият.

а. Ҳокимияти давлатӣ ба ҷузъ қонун ба ҳеҷ каси дигар тааллуқ дошта наметавонад;

б. Ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди ҳар кадом иттиҳод, новобаста ба гуногуншохагиаш бояд якто бошад;

в. Ҳокимияти давлатӣ ҳамеша бояд аз ҷониби беҳтаринҳо идора карда шавад;

г. Барномаи сиёсӣ танҳо ҳамон чораҳоро дида метавонад, ки манфиатҳои умум ҳадафашон бошад;

д. Ҳокимияти давлат боадолат тақсимшуда бошад;

е. Ҳокимият аз рӯи босуботӣ, пайдарҳамӣ, моликият, шикастнопазирӣ бо ҳам алоқамандии амал, барои чераҳои ҷиддӣ тайёр будан қобили эҳтиром аст;

ё. Муттаҳидии ҷамъиятро тариқи бадбинӣ не, балки дар асоси ғояи адолатнокӣ  таъмин бояд кард.

## Адабиёт


1. В. И. Буренко, В. В. Журавлёв, Политология. Учебник для вузов. Москва: Экзамен, - 2005,- С.320.
2. Платон. Сочинения. В 3-х томах. Т.3. - М.: Мысль, 1971. - С.260.
3. Аристотель. Сочинения в 4 т. Т. 4. - М.: Мысль, 1983. - С. 376-644.
4. Мальцев, В. А.  Основы политологии: Учебник для студ. вузов.– 4–е, изд,. дораб..–. М.: ИТРК, 2002.– 542 с.
5. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва  Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250
6. Василик, М. А. Политология. Москва: Гардарики, 2000, стр.18–19.
7. Маҳмадов, А. Н. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 288

Ташаккури зиёд!